*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст**

Дар шароити муосир тағйироти сохторӣ дар иқтисодиёт, рушди босуръати технологияҳои рақамӣ, саноатикунонии босуръат, ҷорӣ намудани навовариҳои молиявӣ ва афзоиши талабот ба захираҳои дарозмуҳлати қарзӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар чунин шароит самаранокии пешниҳоди қарзи бонкӣ яке аз омилҳои муҳими таъмини рушди устувори иқтисодӣ, баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои қарзии соҳибкории хурду миёна (СХМ) ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, интихоби мавзуи диссертатсия аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ саривақтӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад.

Муаллиф дар автореферат масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва рушди низоми қарздиҳӣ ба СХМ, хусусиятҳои механизми пешниҳоди он, омилҳои таъсиррасон ба талабот ва пешниҳоди қарзҳои бонкӣ, инчунин самтҳои такмили механизми танзими муҳити институтсионалии низоми қарздиҳиро мавриди таҳлил қарор додааст. Махсусан, ба таъсири равандҳои индустриализатсия ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ ба сохтори сандуқи қарзӣ, камарбандҳои саноатикунонӣ, сифати захираҳои қарзӣ ва рушди фаъолияти КВД БА ҶТ «Амонатбонк» таваҷҷуҳи зарурӣ зоҳир карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи назариявии таҳқиқот дар соҳаи рушди СХМ ва нақши қарзи бонкӣ дар иқтисодиёти миллии Тоҷикистон корҳои бунёдии олимони ватанӣ, аз қабили Р.Ф. Ҷӯраев, А.А. Қаюмов, Ю.Х. Маҷитов, В.К. Раҷабов, С.М. Раҳимов, Э.Р. Сафаров, Х.Ф. Умаров, И.И. Юсупова, Қ.С. Мирзоев, Р.Р. Қудратов, Ш. Раҳимзода, С.А. Деҳқонов, Д.М. Аюбов, Ф.К. Восиева, И.С. Хоркашов, У.С. Наҷмиддинова, М.Ҳ. Ҷулиев, И.А. Умматов, Н.Қ. Икромов, Ф.Н. Икромӣ, Н.А. Авғонов, Г.С. Латипова, Б.Н. Солиев, Ф.М. Ғафоров, Н.С. Зокирова, О.Қ. Муртазоев, З.М. Ҷайлоев, У.Д. Худоёрова, А.Х. Авезов, Ш.А. Сатторов, З.С. Султонов, С.С. Амонов, Ф.З. Мирзомуродова ва дигарон назаррас буда, андешаҳои ҳар яки онҳоро дар автореферат мавриди таҳлил қарор додааст (саҳ. 4).

Ичунин, ҷанбаи мусбати таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки муаллиф қарзи бонкиро на танҳо ҳамчун муносибати оддии молиявии байни бонк ва муштарӣ, балки ҳамчун падидаи комплексии иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ

баррасӣ намуда, зарурати такмили механизми пешниҳоди он ва танзими муҳити институтсионалиро дар шароити саноатикунонии босуръат ва рақамикунонии хизматрасониҳои бонкӣ асоснок менамояд.

Дар автореферат усулҳои гуногуни таҳқиқоти иқтисодӣ, аз ҷумла таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, муқоисавӣ, сохторӣ-функционалӣ, эконометрикӣ ва системавӣ истифода гардидаанд. Ин ба муаллиф имкон додааст, ки тамоюлҳои асосии рушди низоми қарздиҳиро ба СХМ муайян намуда, мушкилоти мавҷуда ва роҳҳои эҳтимолии ҳалли онҳоро пешниҳод намояд.

Таҳлили илмии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар санадҳои меъёрии миллӣ, аз қабили Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дарҷ гардидааст: «...Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст... тадбирҳои иловагӣ андешанд» (саҳ. 3).

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он аст, ки пешниҳодҳои таҳиягардида метавонанд ҳангоми такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи дастгирии соҳибкорӣ, танзими муҳити институтсионалии низоми бонкӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии КХМ ва мутобиқ намудани механизми пешниҳоди қарзҳои КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба талаботи иқтисодиёти саноатӣ истифода шаванд.

Муаллиф қайд менамояд, ки соҳибкории хурду миёна барои рушди дигар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дорад. «Дар солҳои 2015-2024 ҳаҷми умумии қарзҳои пешниҳодкардаи бонк қариб 3 маротиба афзоиш ёфтааст, аммо қарзҳои ба СХМ додашуда, баръакс, бештар аз 2 маротиба коҳиш ёфтаанд (дар натиҷа ҳиссаи қарзҳои СХМ дар сандуқи умумии қарзии бонк аз 28,6% то 4,7% коҳиш ёфтааст)» (саҳ. 23).

Бо вуҷуди аҳамияти баланди илмӣ ва амалии таҳқиқот, ба назари мо, дар кор баъзе масъалаҳо мавҷуданд, ки метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда такмил дода шаванд. Мехостам баъзе онҳоро низ зикр намоям:

1. Дар ҷадвали 4 (саҳ.15) таснифоти субъектҳои соҳибкорӣ аз рӯйи соҳаҳо ва минтақаҳо пешниҳод гардида, дар баробари соҳаҳои асосӣ ба таври алоҳида ба инобат гирифтани хизматрасонӣ ва сайёҳӣ, ҳамчун самтҳои дорои иқтидори баланди рушд, мақсаднoктар мебуд.
2. Муаллиф дар саҳифаи 25-и автореферат (расми 2) сохтори механизми қарздиҳии КВД БА ҶТ «Амонатбонк» ба СХМ-ро пешниҳод намудааст. Бо вуҷуди ин, аз нигоҳи мо, мувофиқи мақсад мебуд, агар дар ин бахш муҳтавои ҳар як зерсохтори пешниҳодшуда ба таври мухтасар шарҳ дода мешуд, то мантиқи фаъолияти онҳо равшантар инъикос мегардид.

**Хулоса,** автореферати диссертатсияи Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич дар мавзуи «Мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна (дар мисоли КВД БА ҶТ «Амонатбонк»)» мундариҷаи таҳқиқотҳоро пурра инъикос намуда, бо дараҷаи баланди мубрамӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти амалӣ фарқ мекунад. Натиҷаҳои бадастомада барои мукаммалгардонии механизми пешниҳоди қарзи бонкӣ ва

мутобиқсозии он ба меъёрҳои мақбули сатҳи ҷаҳонӣ аҳамияти калон доранд. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсия ба талаботи дахлдори «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ҷавобгӯй буда, муаллифи он Маҳмудов Сафаралӣ Мирзоевич барои гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз сазовор мебошад.


**Муқарризи расмӣ:**
**Доктори илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор,**
**мудири кафедраи соҳибкорӣ ва иқтисодиёти**
**соҳавии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ**
**ва соҳибкории Тоҷикистон** **Одиназода К.С.**

Дурустии имзои **Одиназода К.С.**-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Ҷураев Ш.Н.

**Суроға:** 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Борбад, 48/5
Тел: (+992) 905554646
E-mail: odinakomron@mail.ru